АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ БОТАНИКА, ФИЗИОЛОГИЯ ВА ГЕНЕТИКАИ
РАСТАНӢ

Бо ҳуқуқи дастнавис



ТДУ581.4+581.1:574(575.3)
ТКБ 42.2 (2Т)
М-65

МИРЗОЗОДА БАДРИДДИН БОБОМУРОД

ХУСУСИЯТҲОИ БИОМОРФОЛОГӢ ВА ФИЗИОЛОГӢ–БИОХИМИЯВИИ НАБОТОТИ БАЛАНДПОЯИ САВАННАМОНАНДИ ҚИСМАТИ ҶАНУБИ ҚАТОРКӮҲИ ҲИСОР

Автореферати
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ

аз рӯйи ихтисосҳои 1.5.18. Ботаника, 1.5.12. Физиология ва биохимияи растаниҳо (Илмҳои биологӣ).

Хоруғ– 2026

Диссертатсия дар Озмоишгоҳи экология ва захираи растаниҳои Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ ба анҷом расонида шудааст.

Роҳбари илмӣ: **Мадаминов Абдулло Асрақулович** - номзади илмҳои биологӣ, дотсент, мудири Озмоишгоҳи экология ва захираи растании Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ

Мушовири илмӣ: **Ҷумаев Бахшулло Боқиевич** - доктори илмҳои биологӣ, узви вобастаи АМИТ сарходими илмии озмоишгоҳи биохимияи фотосинтези ИБФ ва ГР-и АМИТ

Муқарризони расмӣ: **Наврузшоев Довудшо** - доктори илмҳои биологӣ, дотсент, ходими пешбари илмии Институти биологии Помир ба номи Х.Юсуфбеков, АМИТ.

Муқумов Илҳом Уктамович - номзади илмҳои биологӣ, дотсенти кафедраи ботаникаи факултети биологияи Донишгоҳи Самарқанд ба номи Шароф Рашидов, Узбекистон

Муассисаи пешбар: Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, кафедраи биология ва методикаи он.

Ҳимояи диссертатсия “26”-уми декабри соли 2026 соати 14^{00} дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-086-и назди Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М Назаршоев бо суроғаи 736000 Ҷумҳурии Тоҷикистон ш.Хоруғ, хиёбони Ш.Шоҳтемур 109, тел/факс (+992) 935834619, E-mail:tahmina88@inbox.ru баргузор мегардад.

Бо муҳтавои диссертатсия ва автореферати он дар китобхона ва сомонаи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М Назаршоев www.khogu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат рузи “____” _____соли 2026 фиристода шудааст.

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ,

номзади илмҳои биологӣ Т.М. Содатқадамова

Муқаддима

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. «Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари кӯҳистон аст, ки тақрибан 93%-и қаламрави онро кӯҳҳо ишғол намуда, ҳудуди умумии он 14,2 миллион га-ро ташкил медиҳад. Гуногунии анвои набототи онро ба назар гирифта, муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки Тоҷикистон як озмоишгоҳи нодири табиӣ ва яке аз минтақаҳои бойтарини олами набототи Осиёи Марказӣ мебошад, ки дар он зиёда аз 4813 намуди растаниҳои рагдор нашъунамо мекунанд» [22]. П.Н. Овчиников қайд мекунад, ки «Масоҳати чарогоҳҳои табиӣ дар Тоҷикистон 3,8 миллион гектар буда, дар инҷо зиёда аз 1000 намуди растаниҳо мерӯянд. Майдони набототи баландпояи саваннамонанд фарогири бештар аз 600 ҳазор гектар буда, гиёҳҳо дар нишебиҳои ҷанубии аксари қаторкӯҳҳои Тоҷикистон, дар баландии 1000-3400 м аз сатҳи баҳр мерӯянд. Афзалият доштани минтақаи кӯҳсор барои вусъат додани чорводорӣ ва майдони чарогоҳҳои тобистона мусоидат мекунад ва дар чунин мавзеъҳо асосан растаниҳои баландпояи саваннамонанд нашъунамо доранд. Ба растаниҳои баландпояи саваннамонанд, пеш аз ҳама, форматсияи *Prangos pabularia* Lindl - юғани хошокӣ, *Ferula kuhistanica* Korov. – камоли кӯҳистонӣ, *Inula macrophylla* Kar.er Kir. - чоқала ва ғайра дохил мешаванд» [25, с. 265]. Дар робита F.P. O′ Mare менависад, ки «Чарогоҳҳо дар бехатарии озуқаворӣ саҳми калон мегузоранд, зеро онҳо қисми зиёди энергия ва сафедаҳоеро, ки ба чорвои кавшакунанда ҷиҳати истеҳсоли гӯшт ва маҳсулоти ширӣ зарур аст, таъмин мекунанд. Чарогоҳҳо яке аз муҳимтарин нигоҳдорандагони карбон мебошанд ва онҳо васлкунии карбонро идома дода, дорои потенсиали назарраси афзоиши минбаъда мебошанд» [44, с. 1263].

Мувофиқи маълумоти Barbara Wrobel ва дигар муҳаққиқони хориҷӣ «аз ҳад зиёд чаронидани чорво, боиси несту нобуд шудани алафзор, аз байн рафтани намудҳои растаниҳои нодир ва хароб шудани сохтори муҳити зист мегардад» [42, с. 2]. Дар навбати худ, аз меъёр зиёд чаронидани чорво дар чарогоҳҳо барои вайрон шудани таркиби намуди чарогоҳҳо ва аз байн рафтани баъзе навъҳои маъмули растаниҳо мусоидат мекунад. Ҳамин тавр, ба назари B. Matteo ва дигарон «аз меъёр хеле паст будани захираи хуроки чорво ва миқдори зиёди ҳайвонот дар чарогоҳҳо сабаби бад шудани сифат ва арзиши хӯроки чорво дар чунин муҳити зист мегардад, идоракунии чарогоҳҳо аҳамияти муҳим барои чаронидани чорво дорад, зеро маҳсулнокии чорво дар давраи мавсимӣ аз самаранокии чарогоҳҳо вобастагӣ дорад. Инчунин сифат ва миқдори хӯроки чорво, дуруст чаронидани чорво, шароити табиӣ, хусусан иқлим ва ғайра омилҳое ҳастанд, ки маҳсулнокии чорво аз инҳо вобастагӣ доранд. Низоми дурусти идоракунии чарогоҳҳо ба оптимизатсияи раванди мураккаб мусоидат мекунанд» [43, с. 107].

Atanas Sevov дар корҳои илмии худ дарҷ намудааст, ки «чарогоҳҳо дар коҳиш додани оқибатҳои тағйирёбии иқлим, алалхусус дар нигоҳдорӣ ва аз худ кардани карбон, инчунин ҳифзи гуногунии биологӣ нақши асосиро (бунёдиро) мебозад» [41, с. 187].

Муҳим будани масъалаи ҳифзи чарогоҳҳо ва дар робита ба ин мавзуъ омӯхтани хусусиятҳои биоморфологӣ ва физиологию биохимиявии набототи баландпояи саваннамонанди қаторкӯҳи Ҳисор моро барои таҳияи рисолаи диссертатсионӣ водор намуд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Баррасии илмии хусусиятҳои биоморфологӣ ва физиологию биохимиявии набототи баландпояи саваннамонанд дар адабиёти илмӣ, аз ҷумла дар таҳқиқоти аксар муҳақиқони хориҷ, ба хусус Barbara Wrobel [42], Atanas Sevov [41], B. Matteo [43], вобаста ба шароити табиии маҳали минтақаҳои гуногуни татбиқ, инъикос ёфтааст.

Ба масъалаи мазкур олимони машҳур П.Н. Овчиников, Б.П. Плешков, Г.Т. Сидоренко, М.В. Понятовской, К.П. Рахманина низ бештар мароқ зоҳир намуда, чунин андеша доранд; «онҳо мушкилоти ҳифзи чарогоҳҳо, муҳайё намудани шароитҳои мусоид барои рушду нумӯъи гиёҳҳои нодир ва алафзорҳо, ки ҳамчун хӯроки мавсимии чорво истифода бурда мешавад, дорои аҳамияти стратегӣ номидаанд. Ҳалли масъалаи гузошташуда барои амнияти озуқавории мамлакат, таъминоти аҳолӣ бо маҳсулоти гӯшту ширӣ имкониятҳои бештар фароҳам меоранд» [26, с. 28; 38, с. 242-245; 30, с. 54-67, 33, с. 34-44].

Олимони тоҷик барои нигоҳ доштани чарогоҳҳо ва идоракунии онҳо, инчунин барои баланд бардоштани дастрасии захираҳои хӯроки чорво пешниҳод мекунанд, ки таҷрибаи идоракунии чарогоҳҳо такмил дода шавад. Дар корҳои илмии муҳаққиқони тоҷик ба ин масъала таваҷҷуҳи зиёд равона шудааст. Муҳаққиқон А.А. Мадаминов, Д. Ҳусейнов ва Н. Азизова қайд менамоянд, ки «идоракунии устувори заминро аз ҳисоби беҳтар кардани идоракунии хоҷагии қишлоқ, масалан, аз ҳисоби зиёд кишт намудани зироатҳои лӯбиёгӣ ба даст овардан мумкин аст. Дар муқоиса бо монозироатҳои алафӣ, омехтаҳои алафӣ ва лӯбиёгӣ бартарии зиёд доранд ва растаниҳо бо ин элементи муҳим таъмин мекунанд. Онҳо низоми хокро бо нитроген ғани мегардонанд. Дар натиҷа хароҷоти нуриҳо кам шуда, истеъмоли хӯроки чорво зиёд мегардад. Ин бошад, имкон медиҳад, ки муҳлати ҷамъоварии ҳосил дароз карда шавад, бидуни он ки сифати хуроки чорво паст гардад» [19, с. 8-13; 20, с. 156].

Вазъи имрӯзаи чарогоҳҳо бо коҳиш ёфтани ҳосилнокии хӯроки чорво зери таъсири омилҳои антропогенӣ, тавсиф карда мешавад. Аз ҷумла А. Мадаминов дар асарҳояш қайд мекунанд, ки « Дар 30 соли охир дар чарогоҳҳои баландкӯҳ, аз меъёр зиёд чаронидани чорво ҷиҳати вайроншавии ҷамоаи растаниҳо мусоидат шудааст, ки ин зарурати таҳқиқоти гуногунии биологӣ, маҳсулнокӣ ва хусусиятҳои экологӣ-физиологии растаниҳои баландпояи саваннамонанди қисмати ҷануби қаторкӯҳҳои Ҳисорро дар робита ба таъсири антропогенӣ нишон медиҳад. Гузаронидани чунин таҳқиқотҳо махсусан, дар минтақаҳои кӯҳӣ муҳим аст, дар баробари таъмин намудани растаниҳо бо моддаҳои ғизоӣ, ин омил дар якчоягӣ бо дигар омилҳо, дар ташаккули набототи табиӣ нақши муҳим дошта, дар муайян намудани таркиб, сохтор ва сатҳи ҳосилнокии ҷамоаи растаниҳо аҳамияти калон дорад» [17].

Чи тавре ки П.Н. Овчиников қайд намудааст; «яке аз соҳаҳои асосии хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон ин чорводории чарогоҳӣ мебошад, ки дар он чарогоҳҳои табиӣ аҳамияти махсусро доранд ва қисми зиёди чарогоҳҳо ба навъи растаниҳои нимсаваннагӣ, ки онҳо дар қаламрави Тоҷикистон бартарӣ доранд, рост меоянд» [25, с.265]. Ин гуруҳи растаниҳо аз ҷиҳати флористикӣ ва геоботаникӣ дар айни замон дар таҳқиқоти олимон О.Е. Агаханянс [1], Ю.С. Григоров [3], Н.Г. Калеткина [8], А.А. Мадаминов, Р.Б. Киго [13], П. Н. Овчиников [24], С. Раҳимов, Ҷ. Зарифи [32], Ё.Ҳ. Сафаров [34], Р.Б. Сатторов [36], Г.К. Сидоренко [37], А.П. Синковская [38], П.Д. Ярошенко [40] ва дигарон тавсиф ёфтаанд.

Аз баррасӣ ва тавсифи адабиёти илмӣ муайян гардид, ки олимони зиёд дар корҳои таҳқиқотии худ вобаста ба маҳалу минтақаҳои мухталиф хусусиятҳои биологӣ, физиологӣ ва биохимиявии набототи баландпояи саваннамонандро мавриди таҳқиқ қарор додаанд.

Тоҷикистон релефи ба худ хос дошта, растаниҳои мазкур ба иқлим ва муҳити табии минтақаи қисмати ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор мутобиқ шудааст. Омӯзиши чунин

хусусиятҳо дар шароити маҳали муайяни кӯҳӣ бори аввал дар шакли рисолаи яклухт ва ҷудогона таҳқиқ мешавад.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ. Мазмун ва мундариҷаи диссертатсия бо назардошти талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, рушди илм, техника ва технологияи муосир дар ҷумҳурӣ алоқаманд мебошад, аз ҷумла ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020, №503 "Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025", қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2021, №170 "Барномаи мақсадноки давлатии рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2021-2025", қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №264, "Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021-2030", "Барномаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" барои солҳои 2020- 2040 омода гардидааст.

Рисолаи диссертатсионӣ бо корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва нақшаи чорабиниҳо дар доираи мавзуи «Хусусиятҳои биоморфологӣ ва физиологӣ – биохимиявии набототи баландпояи саваннамонанди қисмати ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор», РБ №0109ТД774, гузаронидашуда иртибот дорад.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот. Омӯзиши гуногунии биологӣ, хусусиятҳои биоморфологӣ, экологию физиологӣ ва маҳсулнокии растаниҳои ҷамоаҳои набототи баландпояи саваннамонанди қаторкӯҳи Ҳисор дар робита бо таъсири антропогенӣ.

Вазифаҳои таҳқиқот:

- омӯзиши хусусиятҳои биоморфологии ҷамоаҳои набототи баландпояи саваннамонанди қисми ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор дар шароити гуногуни табиӣ;
- муайян намудани захираи хӯроки чорво дар ҳолатҳои гуногуни истифодабарии юғанзор дар ҳавзаи дарёи Зиддӣ;
- ташхиси таркиби миқдории пигментҳо ва хусусиятҳои биохимиявии баргҳои растаниҳои асосии (доминант) юғанзор;
- омӯхтани иқтидори шиддатнокии фотосинтез, мубодила ва таркиби моддаҳои фотосинтетикии карбон ва нитрогенӣ дар узвҳои гуногуни растаниҳои доминантӣ - юғани хошокӣ (*Prangos pabularia Lindl.),* камоли кӯҳистонӣ (*Ferula kuhistanica Korov.*) ва макаки Леман (*Eremostachys lehmanniana* Bunge);

Объекти таҳқиқот. Объекти таҳқиқот ҷамоаи растаниҳои набототи баландпояи саваннамонанд (юғанзор) ва захираҳои растаниҳои хӯроки чорво дар нишебиҳои ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор мебошад.

Мавзуи таҳқиқот. Хусусиятҳои биоморфологӣ ва физиологӣ – биохимиявии набототи баландпояи саваннамонанди қисми ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор.

Навгонии илмии таҳқиқот. Аввалин маротиба маҳсулнокии доминантҳои типи набототи баландпояи саваннамонанд дар се қитъаи ҷудогона: қитъаҳои ҳифзшаванда (ҚҲ), чарогоҳҳои кушод (ЧК) ва мавзеъҳои алафдаравӣ (МА) аз ҷиҳати илмӣ муайян карда шуд. Таҳқиқот нахустин бор дар шароити гуногуни экологӣ бо муайян намудани фаровонии намудҳо, сабзиш ва афзоиши баргу пояи растаниҳо, тағйирёбии таркиб, сохтор ва ҳосилнокии ҷамоаҳои растаниҳои баландпояи саваннамонанд (юғанзор), дар ҳолати табиӣ ва таъсири инсон (чаронидани чорво ва алафдаравӣ) гузаронида шудааст. Муайян карда шуд, ки баландии фардҳои озмоишии юғани чарогоҳ дар қитъаи ҳифзшаванда 190 см ва дар чарогоҳҳои кушод 50 см, ки нисбат ба чарогоҳи кушод 3,8 маротиба баландтар мебошад. Маҳсулнокии умумии қисмати рӯизаминӣ дар қитъаи ҳифзшаванда 71,4 ц/га ва чарогоҳи кушод 20,2 ц/га-ро ташкил дод, ки назар ба қитъаи ҳифзшаванда 3,5 маротиба камтар мебошад.

Бори аввал хусусиятҳои физиологию биохимиявии доминантҳои юғани хӯрокӣ, камоли кӯҳистонӣ ва макаки Леман, дар се ҳолат: ЧК, МА, ҚҲ ба таври комплексӣ таҳқиқ шудаанд. Таҳлили ҷараёни инкишофи фаъолияти танзимкунандаи афзоиш дар баъзе аз ин намудҳои доминантӣ гузаронида шуда, миқдори умумии нитроген ва протеин, пигменти пластидӣ (хлорофилли a ва b, каротиноидҳо), инчунин иқтидори шиддатнокии фотосинтез дар баргҳои Prangos pabularia Lindl., Ferula kuhistanica Korov. и *Eremostachys lehmanniana* Bunge., муайян карда шуда, мавриди арзёбӣ қарор гирифт.

Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот. Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он инъикос мешавад, ки афкори муҳақиқони хориҷӣ, рус ва ватанӣ доир ба муҳимии омӯзиши хусусиятҳои биоморфологӣ ва физиологию биохимиявии набототи баландпояи саваннамонанд ба система дароварда шуд. Маҳз мавҷудияти чунин назарияҳо барои пешбурди таҳқиқот кумак намуд, ки он дар мазмун ва мундариҷаи бобҳои рисола зикр шудааст. Маълумоти ба даст омадаро дар раванди моделсозии маҳсулнокии ҷамоаҳои набототи баландпояи саваннамонанд ва барои истифодабарии устувори онҳо истифода бурдан мумкин аст. Натиҷаҳои таҳқиқот имконият медиҳад, ки дар асоси арзёбии сифати хӯрокии намудҳои доминантӣ дар давраҳои гуногуни сабзиш ва шароити экологӣ, чун мавод барои оптимизатсияи моддаҳои ғизоии хӯроки чорво истифода бурдан тавсия дода мешавад. Усулҳои беҳтар намудани таркиб ва сохтори ин ҷамоаҳо бо мақсади табдил додани онҳо ба алафзори сермаҳсули хӯроки чорво коркард ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудаанд.

Муҳтавои рисоларо дар таҳияи дастурҳои илмӣ-методӣ, мавзуҳои ҷудогонаи фанҳои биоморфологияи набототи, физиологияи растанӣ ва хусусиятҳои биохимиявии гиёҳҳои таҳқиқшаванда ҷой доданд мумкин аст. Натиҷаҳои таҳқиқро донишҷуёни зинаҳои бакалаврӣ, магистратура, докторантон (PhD) ва унвонҷуён дар таҳияҳои маърӯзаҳо, мақолаву реферат, корҳои курсӣ, рисолаҳои хатми бакалаврӣ, магистрӣ ва ғайра истифода бурда метавонанд.

Ҳамчунин натиҷаҳои ба даст омадаро мутахассисони соҳаи кишоварзию чорводорӣ дар фаъолияти касбии худ истифода бурда метавонанд.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳод шаванда:

- Тадқиқи тағйироти мавсимӣ ва солонаи сохтор ва ҳосилнокии растаниҳои ҷамоаҳои набототи баландпояи саваннамонанд (юғанзор) дар шароити табиии қисми ҷанубӣ қаторкӯҳи Ҳисор;
- тағйирёбии гуногунии намуди растаниҳо ва ҳосилнокии юғанзор зери таъсири дигаргуншавии иқлим ва усулҳои истифодабарӣ – чарогоҳ ва алафдарав;
- муайян намудани миқдори пигментҳо ва нишондиҳандаҳои биохимиявии дар растаниҳои асосии ҷамоаҳои набототи баландпояи саваннамонанд ва аҳамияти онҳо ба сабзиш, сифат ва ҳосилнокии юғанзор;
- Иқтидори шиддатнокии фотосинтез ва миқдори моддаҳои нитрогенӣ, метаболизм ва аҳамияти онҳо дар узвҳои гуногуни растаниҳои доминантӣ

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо. Таҳлили натиҷаи мушоҳидаҳои бисёрсолаи саҳроӣ, ҷамъоварӣ ва арзёбии маводҳои таҳқиқот эътимоднокии маълумотҳои бадастовардаро тасдиқ мекунад. Натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳои илмии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ нашр шудааст, ки эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро ошкор месозад. Дар гузаронидани мушоҳидаҳои саҳроӣ, усулҳои таҳқиқотии муосири умумӣ қабулшуда истифода шуданд. Дар асоси натиҷаҳои илмии ба дастовардашуда тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ пешниҳод карда шудаанд. Маълумотҳои таҷрибавӣ дар шароити озмоишгоҳ ва тавассути компютери персоналӣ коркард шудаанд. Коркарди омории натиҷаҳо бо усули Б.А. Доспехов [5], инчунин бо бастаи (пакет) барномаи *Statistika Statgraf* гузаронида шуд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Соҳаи мавзуи кори диссертатсионӣ ба фанҳои ботаника, физиология ва биохимияи растаниҳо мансуб буда, ҳадаф, вазифаҳо, истифодаи усулҳо, нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва натиҷаҳои таҳқиқот пурра ба шиносномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 1.5.18. Ботаника, 1.5.12. Физиология ва биохимияи растаниҳо (илмҳои биологӣ) мутобиқат мекунанд:

Банди 1. Масоили назариявии пайдоиш ва инкишофи олами наботот, гуногуншаклии он, таснифот ва номенклатураи гурӯҳҳои гуногуни растаниҳо ва ҷамоъаҳои наботот. Банди 2. Сохтори организмҳои растанигӣ, рушд ва инкишофи онҳо, асосҳои фаъолияти ҳаётӣ, мутобиқшавӣ ба шароити муҳити зист ва ҳамзистии муштарак. Сохтори анатомӣ-морфологии растаниҳо. Банди 4. Масоили назариявӣ ва амалӣ вобаста ба паҳншавии ҷуғрофии организмҳои растангӣ, хусусиятҳои паҳншавии ҳозира ва гузаштаи намудҳои растанӣ ва флора, ноҳиябандӣ ва харитасозии наботот ҳамчун яке аз захираҳои барқароршаванда. Банди 5. Муносибати намудҳо, гурӯҳҳои экологӣ, шаклҳои ҳаётӣ ва ҷамоҳаҳои растанӣ бо муҳити нашъунамо, нишондиҳии ҳолати муҳити зист бо истифода аз растаниҳо. Банди 10. Масоили назариявӣ ва амалӣ оид ба истифодаи растаниҳо, пеш аз ҳама захираҳои флораи табиӣ, бо мақсадҳои амалӣ (доруворӣ, ғизоӣ, техникӣ, хӯроки чорво, мелиоративӣ, ороишӣ ва ғайра). Банди 11. Таҳияи асосҳои интродуксия, акклиматизатсия ва ворид намудани растаниҳо ба кишт, инчунин асосҳои индикация ва мониторинги муҳити табиӣ ва пӯшиши наботот. Ҳамчунин, ба ихтисоси 1.5.12 - физиология ва биохимияи растаниҳо мутобиқ мебошад: Банди 1. Сохтор ва функсияҳои ҳуҷайраи растанӣ, ташаккул ва фаъолияти унсурҳои сохтории он, органеллаҳо, ситоскелет ва девори ҳуҷайра. Узвҳо, бофтаҳо ва системаҳои функсионалии растаниҳо. Таркиби кимиёвӣ, сохтор ва хосиятҳои моддаҳои табиати зинда; таҳқиқи хосиятҳо, ҷудокунии пайвастагиҳо ва роҳҳои истифодаи онҳо, ки ба синфҳо ва гурӯҳҳои гуногун мансубанд. Банди 8. Физиологияи ғизогирии минералии растаниҳо, азхудкунии симбиотикии нитроген, электрофизиология, сохтор ва функсияҳои интиқолдиҳандаҳои ионӣ ва ретсепторҳои инотропӣ. Банди 9. Физиологияи мубодилаи об ва низоми обии растаниҳо. Сохтор ва функсияҳои аквапоринҳо. Банди 11. Асосҳои физиологию биохимиявии устувории растаниҳо ба шароити стрессии муҳити беруна. Физиология ва биохимияи мутобиқшавии растаниҳо ба стресс. Реаксияи растаниҳо ба ксенобиотикҳо, нанозарраҳо ва заминаи радиатсионии муҳити зист. Банди 12. Раванди истеҳсолот ва танзими он. Ба даст овардан, физиология ва биохимияи растаниҳои трансгенӣ. Физиологияи зироатҳои кишоварзӣ ва растаниҳои экзотикӣ (физиологияи хусусии растаниҳо).

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Самтҳои асосии таҳқиқот аз ҷониби унвонҷӯй муайян гардида, таҳлили адабиёти илмӣ мустақилона анҷом дода шудааст. Унвонҷӯй шахсан таҳқиқотҳои саҳроӣ ва озмоишгоҳиро иҷро намуда, дар таҳияи барномаи илмӣ, гузаронидани корҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ-оморӣ, таҳлили натиҷаҳо, таҳия намудани хулосаҳо ва тавсияҳо саҳми мустақим гузоштааст. Зиёда аз 86% маводи илмӣ аз ҷониби довталаб ҷамъоварӣ ва таҳлил шудааст.

Апробатсия (таҳқиқ) ва татбиқи натиҷаҳои диссертатсия (маърузаҳо дар конфронсҳои асосӣ, ҷаласаҳо, семинарҳо, бо маърузаҳо дар муассисаҳои таълимӣ). Кор дар конфронсҳои ҳарсолаи илмӣ ва семинарҳои озмоишгоҳи экология ва захираҳои растаниҳои Институти ботаника, физиология ва генетикаи растаниҳои АМИТ (Душанбе, 2010-2020 с.); дар Конференсияи байналмилалии «Чарогоҳҳои Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамо» (Душанбе, 2011); конференсияи илмии ҷумҳуриявӣ «Проблемаҳои экологӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ», (Душанбе, 2012); конференсияи илмии ҷумҳуриявӣ «Саҳми биология ва химия дар таъмини амнияти

озуқаворӣ ва рушди технологияҳои химиявӣ дар Тоҷикистон» (Хуҷанд: ДДХ, 2012); Конференсияи 5-уми байналмилалии «Хусусиятҳои экологии гуногунии биологӣ» (Хуҷанд, 2013); Конференсияи 6-уми байналмилалии «Хусусиятҳои экологии гуногунии биологӣ» (Душанбе, 2015); Конференсияи 8-уми байналмилалии «Хусусиятҳои экологии гуногунии биологӣ» (Душанбе, 2019); Конференсияи 9-уми байналмилалии «Хусусиятҳои экологии гуногунии биологӣ» (Кӯлоб, 2021 Тоҷикистон); Конфронси VIII- байналмилалии илмӣ-амалӣ «Scientific Research in XXI Century» (Канада, 2021); дар конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ «Мушкилотҳои муосири илмҳои табиӣ дар илм ва раванди таълимӣ», бахшида ба Бистсолагии омӯзиш ва рушди илмҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ, дар Донишгоҳи Славянии Руссия ва Тоҷикистон (Душанбе, 2022) 23.06.2025 муаррифи карда шудааст.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои асосӣ дар мавридҳои зерин тасвиб ва тасдиқи худро ёфтаанд:

-дар раванди гузаронидани таҷрибаҳои саҳроӣ ва лабораторӣ;

-ҳангоми гузаронидани курсҳои такмили ихтисос;

-дар конфронсҳои илмӣ-назариявӣ, семинарҳо доир ба масъалаҳои таҳқиқшаванда;

-дар гузориш ва муҳокимаҳои мунтазам, дар чорабиниҳои илмӣ ва семинарҳои илмӣ - амалии Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ, кафедраи ботаникаи факултети биологияи ДДОТ ба номи С.Айнӣ;

-ҳангоми маърӯзаҳо ва суханрониҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии дохили ва хориҷи кишвар;

Шакли ҷамъбасти кори илмӣ дар озмоишгоҳи экология ва захираи растаниҳои ИБФ ва ГР АМИТ дар санаи аз 18-уми ноябри соли 2025, таҳти № 10 ва дар Шурои олимони ИБФ ва ГР АМИТ дар санаи 12-уми марти соли 2026 суратҷаласаи № 2 муҳокима карда шудааст.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 22 мақолаи илмӣ, ки 8 адади он дар маҷаллаҳои илмии тавсияшудаи Комиссияи олии аттестатсионии (КОА - и) назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 14 адади дигар дар нашрияҳои гуногун ба табъ расидаанд ва инчунин тавсияномаю монографияи коллективӣ дарҷ ёфтааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия дар ҳаҷми 188 саҳифаи матни компютерӣ таҳия шудааст, ки он аз муқаддима, 6 боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 145 номгӯй иборат буда, 20 адади он ба муаллифони хориҷӣ мансубанд. Натиҷаи кори илмӣ ва таҳлили рақамҳо дар 55 ҷадвал ва 19 расм тасвир ёфтааст.

НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Асосҳои илмӣ – назариявии омӯзиши хусусиятҳои биоморфологӣ ва физиологию биохимиявии набототи баландпояи саваннамонанд

Дар рисола гуногуннамудӣ, хусусияти биологию экологӣ ва ҳосилнокии растаниҳои асосии ҷамоаҳои набототи баландпояи саваннамонанд ва паҳншавии онҳо дар Тоҷикистон, аз он ҷумла қаторкӯҳи Ҳисор, ки дар корҳои илмии Б.Б. Джумаев, Б. Мирзоев ва диг. [4, Р.В. Камелин [10], Ҳ.Ҳ. Каримов, ва диг. [11], А.А. Мадаминов [14], А. А. Мадаминов [16], А.А. Мадаминов, Б.Б. Мирзоев [18], Б.Б. Мирзоев ва диг. [21], П.Н. Овчиников [27], С. Раҳимов [31], М. Назаров [35], Н.М. Сафаров [36], Р.Б. Саторов [37], Л.П. Синковский [39], П.Д. Ярошенко [41], ва ғайраҳо дарҷ гардидааст, оварда шудааст.

Мавод ва методҳои таҳқиқот

Мавқеи ҷуғрофии минтақаи таҳқиқот ва иқлими он. Дар асоси маълумотҳои агроиқлимии Тоҷикистон барои солҳои таҳқиқот (2010-2018;2023) шароити экологии мавзеи таҳқиқотӣ (статсионари «Сиёҳкӯҳ») тавсиф карда шудааст. Иқлим дар баландкӯҳи ҳавзаи дарёи Зидди хушк ва сард аст. Миқдори боришоти солона ба

ҳисоби миёна 1000 мм, ҳарорати миёна дар давраи нашъунамои растаниҳо +4…+6^{0}C мебошад. Давраи нашъунамои кӯтоҳ 3-4,5 моҳро ташкил медиҳад.

Тавсифи растаниҳои ҳавзаи дарёи Зидди: Муҳаққиқон Н. Г. Калеткина ва Р. В. Камелин дар асарҳои худ рафти нашъунамои растаниҳои ҳавзаи дарёи Зиддиро ба мушоҳида гирифта, қайд намудаанд, «ки пӯшиши растанӣ дар ҳавзаи дарёи Зиддӣ бо бисёртипӣ, мозаикагӣ, гуногунии калони таркибӣ ва бойи флористӣ тавсиф карда мешавад» [6,с. 24; 7, с. 102; 9, с. 151].

Дар ин хусус Н. Н. Овчинников низ ибрози андеша намуда, афзудааст, ки «дар минтақаи мазкур намудҳои гуногуни растаниҳо (чунин типи растаниҳо), аз қабили марғзорҳо, сазҳо (ботлоқзаминҳо), сӯзанбаргҳо (хвойные), нимсаваннаҳо, трагакантҳо ва петрофитҳо низ паҳн шудаанд» [24, с. 135; 25 с. 265].

Ҷамоаҳои растаниҳои набототи баландпояи саваннамонанд, юғанзор. Ҳамчун объектҳои таҳқиқоти ҷамоаҳои растаниҳои бисёрсолаи типи инкишофи эфемероид – юғани хошокӣ (*Prangos pabularia*l*)* ва камоли кӯҳистонӣ *(Ferula kuhistanica)* интихоб гардидаанд, ки дар минтақаи доманаи ҷанубии ҳавзаи дарёи Зиддӣ васеъ паҳн шудаанд. Бо назардошти хусусияти растаниҳои нишебии (доманаи) ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор ва имкониятҳои ташкилию техникӣ барои таҳқиқи амиқи хусусиятҳои экологӣ-биологии растаниҳо, ассотсиатсияҳои камолу юған ва анҷибару юған интихоб карда шуданд.

Ассотсиатсияи камолу юған (*Prangos pabularia+Ferula kuhistanica,*). Қитъа дар мавзеи Сиёҳкӯҳ, ки дар доманаи қисмати ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор дар нишеби ҷанубӣ, дар баландии 2350 м аз сатҳи баҳр ҷойгир аст. Нишебии кӯҳӣ 5-10^0 мебошад. Дар китоби “Флораи РСС Тоҷикистон” инчунин баъдтар А. Қурбонов ва ҳаммуалифон, қайд кардаанд, ки «ин ассотсиатсия қариб дар ҳамаи ноҳияҳои ботаникӣ-географии Тоҷикистон, аз назди Сирдарё то Помири ғарбӣ васеъ паҳн шудааст» [12, с. 1281].

Усулҳои таҳқиқот. Дар давоми солҳои 2010-2012 дар ҷамоаҳои камолу юған ва солҳои 2014-2018 дар анҷибар-юған сабзиш ва инкишофи растаниҳо, соҳтор ва маҳсулнокии ҷамоаҳои растаниҳоро дар қитъаҳои ҳифзшаванда (мамнуъгоҳ) ва чарогоҳҳои кушод бо такрорнокии муайянсозӣ, 4 -маротиба бо интихоби тасодуфии қитъаҳо омӯхта шудаанд. Олим Д. Браун қайд мекунад, ки «шакли қитъаҳо дар ҳамаи минтақаҳо росткунҷа аст ва росткунҷаи дарозшуда ҳамчун воҳиди ҳисоб бартарии возеҳ нисбат ба мураббаъро дорад, зеро ба туфайли шакли дарозшудааш шумораи бештари пайвастшавии растаниҳо фаро гирифта мешавад, азбаски растаниҳо аксар вақт дар минтақаҳои мудаввар ҷойгиранд, майдони дарозшуда нисбат ба мураббаи ҳамон масоҳат гуногунии бештари намудҳо ва омезиши растаниҳоро фаро мегирад» [2, с. 316].

Дар марҳилаи сабзиш ва инкишофи растаниҳо, дар ҳар як вариант мониторинги баландии растаниҳо, дараҷаи пӯшиш, ғановати намудӣ гузаронида шуд. Барои омӯзиши захираи рӯизаминии растаниҳо усули дарав истифода гардид. Маҳсулнокии алафзор тавассути даравидани қисмати рӯизаминӣ дар ҳар як қитъа, бо майдони масоҳати 5 м^2 (200 х 250 см) барои юған, камол, макак ва 1 м^2 (100 х100 см) – барои дигар растаниҳо муайян карда шуд. Дар такя ба маълумоти китоби “Полевая геоботаника” «таҳлили намудҳоро дар ҳолати сабзиши онҳо гузаронида, муайян намудем, ки дар ҳолати хушк вазни ҳар як растанӣ ва ҳосили умумии алафзор дуруст муайян карда шудааст» [29, с. 329].

Озмоиши ритмика, сохтор ва маҳсулнокии фотосинтетикии ҷамоаҳои юған дар робита бо таъсири омилҳои экологӣ ва антропогенӣ

Чӣ тавре ки дар бобҳои қаблӣ зикр шуд, пӯшиши растаниҳои атрофи пойгоҳи ботаникии Институти ботаника, физиология ва генетикаи растаниҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон «Сиёҳкӯҳ», ки дар баландии 2450 метр аз сатҳи баҳр, дар

доманаи ағбаи Анзоб ҷойгир аст, бо гуногунии типҳои растаниҳо фарқ мекунад, фитосенозҳои мавҷудбуда дар ин ҷо аз ҷиҳати генетикӣ ва экологӣ яксола нестанд. Набототшинос, П.Н.Овчинников «зимни мушоҳидаҳояш дар минтақаи ағбаи Анзоб 7 типи набототро муайян ва таснифу гурӯҳбандӣ намудааст» [23, с.49-63].

Набототи баландпояи саваннамонанд яке аз типҳои асосии растаниҳои пойгоҳи Сиёҳкӯҳ буда, бо афзалияти растаниҳо бо намудҳои гуногуни низоми решагӣ тавсиф мешаванд. Шабакаи зичи решаҳо то чуқурии 120 см мерасад; зиёда аз 50-53% вазни умумии решаҳо дар қабатҳои болоии хок ҷойгир мебошанд. Н.Г. Калеткина менависад, ки «миқдори вазни зеризаминии растаниҳо 25-47 маротиба аз вазни рӯизаминии онҳо зиёд аст. Чунин таносуб аз устувории баланди ҳаётии растаниҳо шаҳодат медиҳад» [8, с. 25]. Ҳангоми ба қайдгирии рушд ва инкишофи растаниҳо дар қитъаи чарогоҳ (ЧК) 27 намуди растаниҳо дар давраи гулкунӣ ва мевабанди ба қайд гирифта шуданд. Муайян карда шуд, ки фаровонии растаниҳои *P. pabularia, F. kuhistanic*a, *Adonis turkestanica* Korsh. *ва Artemisia dracunculus* L.,аз рӯй шкалаи Друде ба балли 3 - зиёд соҳиб шуданд. Фақат як намуд - *Eremurus hissaricus* Vved. растании заҳрнок, ки онро чорво истеъмол намекунад, балли 4 - зиёдтар-ро гирифт. Бештари растаниҳои алафзор фаровонии камёб – 2 балл ва 1-балл доранд. **Ҷадвали 1.**

Намудҳои растаниҳои ҷамоаи камолу юғани хурокӣ дар қитъаи чарогоҳи кушод, дар давраи гулкунӣ (солҳои 2010-2012)

Номгӯи растаниҳо	Қади растанӣ, см	Фаровонӣ, балл*
Prangos pabularia	56.7±16.24	3
Ferula kuhistanica	45±8.66	3
Arctium tomentosum	37.5±4.28	2
Artemisia lehmanniana	48.33±17.2	3
A. dracunculus	63.3±16.49	3
A. persica	31.66±8.72	3
A. apiculatus	31.7±7.18	2
Matricaria aurea	16.6±3.29	1
Cousinia splendida	61.6±18.1	2
C. franchetii	28.3±7.18	2
C. alpine	43.3±11.89	1
Inula macrophylla	56.6±16.6	2
Taraxacum anzobicum	23.6±2	1
Sentaurea cyanus	22.5±6.97	2
Cichorium intybus	30±13.08	2
T. pretense	28.3±11.5	1
Adonis turcestanicus	**35±7.55**	**3**
Onobrychis echidna	18.3±8.85	1
Hypericum perforatum	45±17.37	2
Phlomis betonicifolia	45±12.4	3
Zizihpora pamiroalaica	25±2.85	4
Vaccaria piramidata	31.7±5.9	3
Scabiosa songarica	**28.3**±2.11	**1**
Verbascum songaricum	80±51.96	1
Plantago lanceolata	28.3±4.36	1
Bromus gedrosianus	15±2.85	1
Пушиши манзаравии набототи баландпоя , %	31.6±7.14	25-30

Эзоҳ: К*оэффисиенти фаровонии, шкалаи Друде*: 5-*хеле зиёд,* 4-*зиёдтар,* 3- *зиёд,* 2-*камёб,* 1-*танҳо.*

Ҳангоми омӯзиши рушд ва инкишофи растаниҳо дар майдони алафдаравӣ (МА) 41 намуди растаниҳо дар давраи гулкунӣ ва мевабандӣ ба қайд гирифта шуд. Муайян карда шуд, ки фаровонии юған аз руи шкалаи Друде баробари 4 балл- зиёдтар буда, *Eremostachys. lehmenniana ва Astragalus corydalinus* -3 балл, растаниҳои боқимонда

ба 2-1 баллӣ баробар аст. Баландии растаниҳо дар алафзор ба ҳисоби миёна ба 10,0 см (*Zizihpora pamiroalaica* Juz) -85,0 см (*Prangos. pabularia*) мерасанд. Дар қитъаи ҳифзшаванда (МҲ) 34 намуди растаниҳо дар давраи гулкунӣ ва мевабандӣ ба қайд гирифта шуд. Фаровонии *Prangos pabularia* аз руи шкалаи Друде - 4 балл, *E. lehmanniana* - 3 балл ва растаниҳои боқимонда - 2 ва 1 баллӣ мебошад. Дар таркиби алафзор растании баландтарин – юғани хошокӣ - 115 см ва пасттарин юнучқаи тунукбарг *Medicago lupulina* L – 8,7 см вомехӯрад (ҷадвали 1).

Омӯзиши ҳосилнокии ҷамоаи камолу юған дар қитъаҳои ҳифзшаванда (мамнуъгоҳ), алафдаравӣ ва чарогоҳҳои кушод, ки юған гулу мева набаста буд, чунин натиҷа доданд (расми 1): ба ҳисоби миёна, ҳосили умумии рӯизаминии алафзор дар қитъаи мамнуъгоҳ (67,6 с/га алафи хушк) назар ба қитъаи алафдаравӣ 1,3 ва қитъаи чарогоҳи кушод 3,3 маротиба зиёд шуд, ҳосили юған бошад, мутаносибан 67,1, 71,9 ва 25,4% ҳосили умумии қитъаҳоро ташкил дод. Ҳамин тавр, дар таркиби алафзори мамнуъгоҳ 1,8% астрагали туркистонӣ (*Astragalus turkestanus* Bunge), 4,3% қутургиёҳ (*Scabiosa songarica* Schrenk), 3,5% мунч (*Vicia tenuifolia* Roth) ва бо миқдори гуногун дигар растаниҳо вомехӯранд.

Ҳосилнокии растаниҳо дар қитъаҳои алафдаравӣ ва чарогоҳҳои кушод низ гуногунанд (расми 1).



Расми 1. Ҳосили умумии алафи хушки рӯизаминии ҷамоаи камолу юған (P. pabularia, F. kuhistanica), с/га.
Эзоҳ: А – соли 2010, Б – соли 2011, В – соли 2012

Дар баҳор ва тобистон мушоҳидаҳо ва натиҷагирӣ дар се қитъаи ҷамоаи камолу юғанзор: 1 – чарогоҳи кушод, ки дар натиҷаи аз ҳад зиёд чаронидани чорво сохтори алафзор таназзул (деградатсия) ва тағйир ёфтааст; 2 – ҳифзшаванда (мамнуъгоҳ) ва 3 – қитъаи алафдаравӣ гузаронида шудаанд. Дар ин сол нашъунамои юғани хурокӣ – доминанти ҷамоа дар даҳаи аввали моҳи май оғоз гардид. 12 июн дар оғози давраи муғчабандӣ, қади фардҳои генеративии юған ба 90-100 см- ро ташкил дод. 19 июл дар марҳилаи мевабандӣ баландии навдаҳои генеративӣ ба 150-160 см баробар буд.

Соли 2014 дар марҳилаи алафдаравӣ, ҳосили умумии алафи хушки рӯизаминии юғанзор дар қитъаи ҳифзшаванда 48,8 с/га, майдони алафдаравӣ – 36,3 ва дар чарогоҳи кушод – 10,7 с/га-ро ташкил дод (расми 2). Маҳсулнокии рӯизаминии растаниҳо дар қитъаҳои чарогоҳҳои кушод нисбат ба қитъаҳои ҳифзшаванда, ба таври назаррас – янеъ дар мамнуъгоҳ 4,6 баробар ва алафдаравӣ 3,4 баробар камтар буд. Дар чарогоҳи кушод коҳиши маҳсулнокии юғанзор нисбат ба меъёри миёнаи бисёрсола бештар ба назар расид.

Таҳқиқи маҳсулнокии тухмии юған ва вазни 1000 донаи тухмӣ нишон дод, ки мевабандии юған ба ҳисоби миёна 39% миқдори шумораи умумии гулҳоро ташкил медиҳад. Шумораи умумии гулҳо дар як навда аз 264 то 1901 адад ва миқдори меваҳо аз 131 то 578 адад фарқ мекунад. Муайян гардид, ки шумораи эҳтимолии меваҳо дар як гулпоя ба ҳисоби миёна 753 дона буд, шумораи воқеии он 294 дона мебошад.

Шумораи воқеии тухм дар як мева 2 дона ва дар як навда ба ҳисоби миёна ба 588 донаро ташкил медиҳад. Дараҷаи мевабандӣ ва тухмбандӣ 39.0% аст.

Бо мақсади муайян намудани таъсири нуриҳои минералӣ ба ҳосилнокии чарогоҳ аз нуриҳои фосфори истифода бурда шуд. Дар натиҷа ҳосилнокии баланди алафзор дар қитъаҳо дар аввали моҳи июл, дар марҳилаи гулкунӣ-мевадиҳии юған қайд гардид. Ҳосили умумии алафи хушки ҷамоаҳои камолу юған ҳангоми пошидани нурии фосфорӣ (30 кг/га P_2O_5) – 89,4 с/га-ро ташкил дод. Дар натиҷа ҳосилнокии умумии юғанзорҳо 35,1% ва ҳосили рӯизаминии астрагали гулпоядор (*A. peduncularis)* 3,7 маротиба афзоиш ёфт. Ворид кардани нуриҳо дар қитъаҳои алафдаравӣ ба афзоиши назарраси маҳсулнокӣ мусоидат кард, ки ин зарурати чораҳои агротехникиро барои нигоҳ доштани маҳсулнокӣ тасдиқ мекунад.

Дар соли 2017 ҳосилнокии баланди юғанзор дар қитъаҳои ҳифзшаванда (мамнуъгоҳ) мушоҳида гардиданд, ки ба ҳисоби миёна ба 75,4 с/га, баробар аст. Дар қитъаи алафдаравӣ ҳангоми ворид намудани 60 кг/га нурии аммофос (P_{30}) ҳосили алафи хушк 74,1 с/га-ро ташкил дод, ки ин нисбат ба қитъаи назоратӣ (бенурӣ) 36,9% зиёдтар мебошад.

Юғани хурокӣ намуди доминант дар байни растаниҳо ба шумор меравад. Дар соли 2014 дар марҳилаи мевадиҳӣ баландии он 150-160 см, дар соли 2015 то 170-200 см мерасид. Вазни хушки қисми рӯизаминии он то баландии 100 см, миқдоран хеле наздик тақсим шуда, пас хеле кам мешавад. Астрагали гулпоядор- *A. peduncularis* - растании арзишманди хӯроки чорво аз оилаи лубиёгиҳо буда, ба таъмин намудани юғанзор бо нитрогени биологӣ кӯмак мерасонад. Ҳосили баландтарини юғанзор дар соли 2018 дар қитъаи мамнуъгоҳ - 104.7 с/га ба мушоҳида расид (расми 2).



Расми 2. Ҳосили умумии алафи хушки рӯизаминии ҷамоаи камолу юған (P. pabularia, F. kuhistanica), с/га.

Эзоҳ: А – мамнуъгоҳ, Б – қитъаи алафдаравӣ, В – чарогоҳи кушод.

Иқтидори як навдаи генеративии юған ба ҳисоби миёна метавонад 904 дона тухм диҳад, вале маҳсулнокии воқеии тухм 564 дона тухмро ташкил медиҳад, ки назар ба соли 2014 он хеле кам аст. Вале, бастани мева ва тухм (нисбати миқдори воқеӣ ва иқтидори шумораи мева ё тухм дар як навда) 62.4%-ро ташкил медиҳад, ки ин назар ба соли 2014 1,6 маротиба зиёд мебошад (расми 3).



Расми 3. Ҳосилнокии мева ва тухми юғани хурокӣ (P. pabularia). Эзоҳ:1-иқтидори мевабандии гулҳои 1 навда, (дона); 2- Маҳсулнокии реалии мевабандии гулҳои 1 навда, (дона); 3-миқдори реалии тухм дар 1 навда, (дона)

Мавзеи Куктепа. Барои ҷамоаи анҷибару юған сохтори мураккаб хос аст: дар таркиби сенозҳо намудҳое вомехӯранд, ки аз ҷиҳати хусусияти барқароршавӣ, ритми инкишоф, нисбат ба шароити намнокӣ фарқ мекунанд. Дар ин ҷо сатҳи пӯшиши юғани хурокӣ баланд буда, инчунин анҷибари теппагӣ ва ҷави туркестонӣ низ ба мушоҳида расид. Сатҳи баланди вохӯрӣ (90%) барои зардандизи Томсон ва хоралафи ҷилодор хос мебошад.

Дар соли 2014 ҳавои хушк рушди юғанро ба таъҳир андохт, баландии миёнаи алафзор танҳо 50-55 см-ро ташкил дод. Ҳамин тавр дар солҳои 2015 ва 2016 баландии миёнаи юған ба 80 см расид. Ин нишон медиҳад, ки дар шароити Куктепа, барои юған истифодаи самараноки захираи намии хок хос аст. Дар давраи нашъунамо ҷамоаи анҷибару-юғанро метавон ба панҷ марҳилаи асосии инкишофи қабати алафзор, ҷудо кард. Ҷиҳати аз ҳама барвақтӣ бо гулшукуфонии пӯпинаки Ледебурги алоқаманд аст. Дар ин давра пӯшиши сатҳӣ 50%-ро ташкил медиҳад. Баробари пӯпинак гулҳои зарди ғозпиёзи чунгорӣ ва гулҳои кабуди чурғотаки бухоройӣ вомехӯранд. Баландии миёнаи алафзор 6-7 см мебошад. Марҳилаи дуюмро гулҳои зарди ҷилодори адрасмони туркистонӣ ва қоқуи сабзи хокистаранг ташкил медиҳанд. Баландии миёнаи алафзор 35-40 см мебошад. Пӯшиши сатҳи дар ин давра 80%-ро ташкил медиҳад.

Бештари ҳосили рӯизамининро юғани хурокӣ ташкил медиҳад. Фоизи ҳиссагузории вазнаш аз 44.9% дар соли 2014 то 47.3% дар соли 2016 тағйир меёбад. Ҳосили назарраси рӯизамининро хоралафи ҷилодор *Cousinia. splendida* ташкил медиҳад. Ҳиссаи иштироки вазни он аз 22.7% дар соли 2014 то 10.0% дар соли 2016 коҳиш ёфт. Нақши унсурҳои хӯшадорон дар таркиби алафзори чарогоҳ ночиз аст. Ҳамин тавр, ҳиссаи иштироки рубоҳдуми марғӣ дар давоми се сол 0.2-0.5%-ро ташкил медод. Дар қитъаи бо нуриҳо таъминшуда маҳсулнокии умумӣ аз 35.1 с/га дар соли 2014 то 51.9 с/га дар соли 2015 бо шадидан тағйир ёфт. Асоси тағйироти ҳосилнокӣ ба шароити мусоиди рушд ва инкишофи юған ва анҷибарги теппагӣ дар соли 2015 вобаста буданд.

Дар шароити мамнуъгоҳӣ фаровонии доминанти асосӣ - юғани хурокӣ ба таври назаррас афзуд. Ҳиссаи иштироки анҷибари теппагӣ, рӯбоҳдумаки теппагӣ, ҷави туркестонӣ зиёд шуд ва фаровонии тархуну зарандизи Томсон паст шуд. Паст шудани ҳиссаи ҳоралафи ҷилодор дар қитъаи ҳифзшаванда вобаста ба шароити номусоиди экологӣ барои рушд (зиёд шудани рақобат аз тарафи дигар намудҳои

баландпоя) мебошад. Дар қитъаи нурӣ додашуда, нисбат ба назоратӣ ҳиссаи иштироки анҷибари теппагӣ ва ҷави туркестонӣ бештар афзуд.

Ҳамин тариқ, шароити ҳифз ва ворид кардани фосфор миқдор ва таркиби доминантҳо, инчунин устуворӣ ва аҳаммияти онҳоро тағйир медиҳанд. Ба таркиби доминантҳо намудҳои нав: рӯбоҳдуми теппагӣ, анҷибари теппагӣ ва ҷави туркестонӣ ворид гардиданд.

Натиҷаҳои таҳлили соли 2022 ва 2023 нишон медиҳанд, ки 40 намуди растанӣ, дорои хосиятҳои бисёрфункционалӣ мебошанд:

-растаниҳои хуроки чорво: Қисми зиёди растаниҳо масалан, юнучқа -*Medicago sativa,* растании бисёрсолаи лубиёгӣ буда, пояш рост, саҳти қирадор, сершох бо муякчаҳои камшумор, баландиаш 30-90 см буда,. гулаш кабуди бунафшаранг мебошад. Намуди худрӯи он дар ҳамаи минтақаҳои Тоҷикистон (ғайр аз Помири Шарқӣ) дар набототи саваннамонанд, даштзор, марғзор, ҷангалзорҳо, дар баландии 500-3800 м аз сатҳи баҳр вомехурад. Чун зироати асосии хӯроки чорво навъҳои он дар заминҳои обӣ ва лалмӣ кишт карда мешавад. Алафи хушкаш дар таркиби худ 18,0% протеин, 2,7% равған, 30,2% бофтаҳои дурушт, 9,7% хокистар ва 3,4% моддаҳои қиёмии бенитроген дорад. Он нитрогени ҳаворо ба воситаи лундабактерияҳо дар худ ҷамъ оварда, хокро ҳосилхез ва ҳифз менамояд.

Хардумак - *Dactylis glomerata L.*, - алафи бисёрсолаи хушадор буда, решааш кутоҳи, боқувати, ҷимреша аст. Пояш ростистода, сербарг ва баландиаш то 1 м мешавад. Баргаш дароз, ҳамвор, баъзан муякчадор буда, хушагулаш чорубак аст. Хардума алафи беҳтарини чарогоҳ буда, хӯроки серғизои ҳамаи чорво, хусусан чорвои калони шохдор мебошад. Дар давраи сабзиш чорво 65-75% алафи онро истеъмол мекунад. Ҷойгиршаваиаш бошад, дар чарогоҳҳои наздикуҳӣ ва куҳӣ (ба ғайр аз Помири Шарқӣ), дар баландии 1100-2800 м аз сатҳи баҳр меруяд. Дар манотиқи набототи алафзори ҷавдору гандумак, ҷангалзорҳо ва марғзорҳои миёнакуҳ ва баландкӯҳ месабзад. Ғизонокии алафи хушк дар таркиби худ 12,2% протеин, 2,6% равған, 29,8% бофтаҳои дурушт, 6,8% хокистар ва 48,6% моддаҳои киёмии бенитроген дорад. Ҳамчун манбаи ғизои чорво қайд шудаанд. Ин нишон медиҳад, ки минтақаи омузиш иқтидори баланди чарогоҳӣ дорад.

Растаниҳои шифобахш (доруворӣ): Ин гурӯҳ 56, 8% - ҳамаи растаниҳои дар мавзеи омузиш ба қайдгирифтаро ташкил медиҳад, ки ҳамчун растаниҳои шифобахш сабт шудаанд ва аҳамияти фармакологии флораи минтақаро тасдиқ мекунад (расми 4.).

Растаниҳо ба монанди; юған хошокӣ - *Prangos pabularia,* аҳамияти шифобахшиаш аз таркиби бойи он вобастааст: кумаринҳо, ин моддаҳои асосии фаъоли биологӣ мебошад, ки хосияти зиддимикробӣ ва зиддиварамӣ доранд. Равғанҳои эфирӣ: дар таркиби реша ва тухмаш мавҷуданд, ки бӯи хос ва хосияти антисептикӣ (микропкушӣ) доранд. Витаминҳо: аз витамини С ва каротин бой аст.

Пиёзи бухоройӣ - *Allium bucharicum Regel,* - яке аз гиёҳои нодир ва шифобахши минтақаи куҳии Осиёи Марказӣ, азон ҷумла дар ҳавзаи дарёи Зиддӣ ба шумор меравад. Ин растани на танҳо ҳамчун ғизо, балки дар тибби мардумӣ барои табобати бисёр бемориҳо истифода мешавад. Хосияти шифобахшӣ зиддимикробӣ ва антисептикии намояндагони авлоди пиёз, масалан пиёзи бухорои дорои фитосидҳо ва пайвастагиҳои сулфури дар таркиби баргу меваи он ҳастанд вобастагӣ доранд. Он барои нобуд кардани бактерияҳои зараровар ва занбуруғҳо (грибы) кумак мекунад. Дар тибби мардумӣ барои табобати захмҳои фасоддор ва бемориҳои пӯст истифода мешавад.

Шибоғи Леман - *Artemisia lehmanniana* Bunge – яке аз намудҳои муҳими авлоди *Artemisia* мебошад, ки дар низоми экологӣ ва тиббии минтақаҳои куҳии Осиёи

Маркази ҷойи махсусро ишғол мекунад. Ин гиёҳ аз ҷиҳати таркиби кимиёвӣ бой буда, дорои равғанҳои эфирӣ, алкалоидҳо ва флавоноидҳо мебошад.

- **Растаниҳои шаҳддор (асалдиҳанда):** намудҳое мисли *Eremurus hissaricus Vved.* – яке аз гиёҳҳои муҳими шаҳдовар ва гардолудкунандаи минтақаҳои кӯҳӣ ва баландкӯҳ шинохта мешавад. Ин гиёҳ ба оилаи *Asphodelceae* таълуқ дошта, дар давраи гулкуни диққати занбурҳо ва дигар ҳашароти гардолудкунандаро ба худ ҷалб мекунад. Давраи гулкуни вобаста ба баландӣ аз сатҳи баҳр вобаста мебошад, ки аз охири моҳи май оғоз шуда, то нимаи июл давом мекунад. Инчунин давомноки гулкунии растани дар давоми 15-25 рӯз мегузарад, ки ин як манбаи устувори ғизо барои занбурҳо дар мавсими тобистон ба ҳисоб меравад

- *Cichorium intybus (*коснич*)* на танҳо ҳамчун растании шифобахш, балки яке аз гиёҳҳои муҳими шаҳдовар (асалдиҳанда) дар табиат шинохта мешавад. Асалпарварон ин гиёҳро барои давомнокии гулкунӣ ва сифати баланди маҳсулоташ қадр мекунанд. Давраҳои гулкунӣ ва мевадиҳии *Cichorium* тулони буда, одатан аз нимаи моҳи июн оғоз мешавад ва то охири моҳи август (ва баъзан то сентябр) идома медиҳад, ки барои занбури асал аҳамияти калон дорад.

2. **Таҳлили растаниҳои заҳрнок:** дар расми 4 гуруҳбандии растаниҳо оварда шудааст, аз ҷумла испанд - *Adonis turcestanicus* ва чинорак - *Ranunculus arvensis* ҳамчун растаниҳои заҳрнок қайд шудаанд. Вале юған, сичи Ҳисорӣ ва зарбати Зарафшонӣ низ дар давраҳои аввали сабзиш заҳрноканд.



Расми 4. ***- Гуруҳбандии растаниҳо фоиз % ва шумора***

Дар баробари таҳлили систематкӣ, муайян намудани аҳамияти хоҷагидории растаниҳо барои арзёбии иқтидори табии минтақа зарур аст. Мувофиқи маълумоти расми 4, растаниҳои мавзеи таҳқиқот ба чор гуруҳи асосии хоҷагидорӣ тақсим карда шуданд. Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки дар таркиби флораи набототи саваннамононди мавзеи Сиякуҳ растаниҳои шифобахш бартарӣ доранд, ки 21 намуд ё 56,8 % - *Prangos pabularia, Achillea filipendulina, Artemisia lehmanniana,* ва ғайраҳо шумораи умумиро ташкил медиҳанд. Ин аз захираи бойи ашёи хоми доруворӣ дар минтақа ва имкониятҳои васеи истифодаи онҳо дар фармакология шаҳодат медиҳад.

Растаниҳои шаҳдовар бо 16 намуд *Eremurus hissaricus, Achillea filipendulina, Cichorium intybus ва ғайра* (43,2%) дар ҷойи дуюм қарор дорад. Мавҷудияти ин

гурӯҳ, хусусан дар минтақаҳои баландкӯҳ, барои рушди парвариши занбӯри асал заминаи мусоид фароҳам меорад.

Ба гурӯҳи растаниҳои хуроки чорво 15 намуд, аз ҷумла *Medicago sativa Prangos pabularia, Medicago lupulina* (40,5%)- ро шомил мекунанд. Азбаски қисми ками намудҳо ба ин гуруҳ мансубанд, ин аз сифати баланди коҳиш ва маҳсулнокии чарогоҳҳо дар давраи нашъунамо гувоҳӣ медиҳад.

Растаниҳои заҳрнок танҳо 10,8%-ро (4 намуд) *Adonis turcestanicus, Euphorbia sarawschanica, Juno linifolia, ва Ranunculus arvensis* ташкил медиҳанд, ки ин нишондиҳандаи мусбат барои беҳатарии чорводорӣ дар ин мавзеъ_мебошад. Бо вуҷуди кам будани шумораи онҳо, донистани намудҳои заҳрнок барои танзими дурусти истифодаи чарогоҳҳо аҳамияти ҷиддӣ доранд.

Озмоиши экологи-физиологӣ ва биохимиявии намудҳои доминантии набототи баландпоя саваннамонанд

Миқдори пигментҳои пластидӣ дар баргҳои растаниҳои доминантӣ

Юғани хурокӣ -*P. pabularia.* Муайян карда шуд, ки миқдори пигментҳо дар баргҳои юғани хурокӣ аз ҷиҳати ҷойгиршавии онҳо дар навдаҳои генеративӣ ва вегетативӣ вобаста аст. Миқдори зиёди хлорофилли *a* ва таносуби хлорофиллҳои *a*/*b* дар пояи баргҳои қабати якуми навдаи генеративӣ, хлорофилли *b*, ҷамъи хлорофиллҳои *a*+*b*, ва каротиноидҳо дар баргҳои наздирешагии қабати дуюми навдаи генеративӣ мушоҳида карда мешавад. Миқдори камтарини чунин муайян кардашуд: хлорофилли *a*, ва ҷамъи хлорофиллҳои (*a*+*b*) дар баргҳои наздирешагии растании вегетативӣ: хлорофилли *b*, каротиноидҳо, ҷамъи хлорофиллҳои *a*+*b*, ҷамъи хлорофиллҳо ва каротиноидҳо - дар баргҳои пояи қабати сеюми навдаи генеративӣ: таносуби хлорофиллҳо *a*/*b* - дар баргҳои пояи қабати дуюми навдаи генеративӣ. Миқдори хлорофилли *a*, нисбат ба хлорофилли *b* ва каротиноидҳо қариб 2,5-3 маротиба зиёд аст.

Камоли кӯҳистонӣ-*F. kuhistanica.* Натиҷаҳои таҳқиқот нишон дод, ки миқдори хлорофилли *a* дар ҳамаи баргҳои таҳқиқшуда аз миқдори хлорофилли *b* 2,5 маротиба зиёд аст, ин ҳолат дар муқоиса ба таркиби каротиноидҳо низ мушоҳида карда мешавад. Омӯзиши муқоисавии пигментҳои пластидӣ дар баргҳои наздирешагии растаниҳои вегетативӣ нишон дод, ки нисбат ба чунин баргҳои растаниҳои навдаи генеративӣ, миқдори пигментҳо пасттар аст. Миқдори максималии ҷамъи хлорофиллҳо ва каротиноидҳо дар баргҳои наздирешагии растаниҳои вегетативӣ дарёфт шудааст.

Макаки Леман – *E. lehmanniana.*_Миқдори хлорофилли *a* дар ҳамаи баргҳои растаниҳои таҳқиқшуда нисбат ба миқдори хлорофилли *b* қариб ду баробар бештар аст. Миқдори максималии хлорофилли *a* дар баргҳои наздирешагии растанӣ, ки дар марҳилаи генеративӣ қарор доранд ва минималии он дар баргҳои қабати якуми, навдаҳои генеративӣ мушоҳида гардиданд.

Ҳамин тавр, миқдори хлорофилли *b* дар баргҳои навдаи генеративӣ навдаҳои аз 0,354 то 0,689 мг/г дар баргҳои навдаи вегетативии аз 0,443 то 0,572 мг/ г (вазни тар) фарқ мекунад, Ҳудуди тағйирёбӣ дар навдаҳои генеративӣ нисбат ба навдаҳои вегетативӣ бештар аст, яъне мутаносибан 0,335 ва 0,129 мг/г вазни тарро ташкил медиҳад.

Таносуби максималии хлорофиллҳои *a*/*b* дар баргҳои қабати якуми навдаи генеративӣ ва дар баргҳои наздирешагии растаниҳои генеративӣ қайд карда шудааст, ки мутаносибан 2,9 ва 2,8 мг/г вазни тари баргро ташкил медиҳад. Миқдори минималии ин параметрҳо дар навдаи генеративӣ дар баргҳои қабати дуюм ва баргҳои наздирешагии растаниҳои вегетативӣ қайд карда шудааст, ки мутаносибан 1,2 ва 2,6 мг/г вазни тари баргро ташкил медиҳанд.

Иқтидори шиддатнокии фотосинтез ва миқдори моддаҳои нитрогенӣ дар узвҳои гуногуни растаниҳои доминантӣ

Юғани хурокӣ -*P. pabularia*. Яке аз равандҳои асосии физиологӣ, ки бо маҳсулнокии растаниҳо алоқаманд аст, фотосинтез мебошад. Омӯзиши иқтидори шиддатнокии фотосинтез (ИШФ) (ҷадвали 2) дар баргҳои гуногуни давраи вегетативӣ ва генеративии растанӣ нишон дод, ки қобилияти ассимилятсияи гази карбон дар онҳо якхела набуда, дар ҳудуди аз 30.0 то 39.0 мг $^{14}CO_2$/г массаи хушк тағйир меёбад. Нишондиҳандаи максималии иқтидори шидатнокии фотосинтез дар баргҳои қабати дуюми навдаи генеративӣ, дар баргҳои наздрешагии растаниҳои гӯлдор ва дар баргҳои растаниҳои вегетативӣ ба қайд гирифта шуд. Қайд кардан зарур аст, ки дар баргҳои қабати дуюми навдаи генеративӣ, қудрати максималии ИШФ бо миқдори максималии таносуби хлорофиллҳои *a/b*, ҷамъи хлорофиллҳо ва каротиноидҳо, инчунин миқдори умумии нитроген ва протеин робитаи мустаҳкам дорад. Миқдори нитроген дар баргҳои фардҳои генеративӣ 2,65-3,08% ва фардҳои вегетативӣ камтар, 2,36% мебошад. Қудрати миёнаи ИШФ баргҳои навдаҳои генеративӣ, назар ба баргҳои наздипоягӣ ва баргҳои фардҳои вегетативӣ бартарӣ дорад.

Ҷадвали 2. Иқтидори шиддатнокии фотосинтез ва миқдори моддаҳои нитрогенӣ дар баргҳои юған - *Prangos pabularia*

Ҳолати растанӣ	Баргҳо	ИШФ (мг $^{14}CO_2$/г вазни ҳушк соат	Нитрогени умумӣ,%	Протеини ҳом,%
Генеративӣ (пояи гуловар)	Навда (аз боло ба поён):			
	Қабати -1	31.0±3.1	2.64±0.3	16.5±1.6
	Қабати -2	39.0±3.1	3.08±0.2	19.2±1.6
	Қабати -3	34.0±2.4	2.24±0.1	14.0±1.0
	Ҳисоби миёна	34.7±2.8	2.65±0.2	16.6±1.4
	Ҳудуди тағирёбӣ	31.0-39.0	2.24-3.0	14.0-19.2
	Барги болои решагии пояи гуловар	31.0±2.2	3.08±0.2	19.2±1.1
Вегетативӣ (назди решагӣ)	Барги болои решагӣ растании вегетативӣ	30.0±1.5	2.36±0.1	14.7±0.7
	Ҳисоби миёна	30.5±1.8	2.72±0.1	16.9±0.9
	Ҳудуди тағирёбӣ	30.0-31.0	2.36-3.0	14.7-19.2

Камоли кӯҳистонӣ - *F. kuhistanica.* Таҳлили иқтидори шиддатнокии фотосинтези баргҳои гуногуни камол (расми 5.) нишон дод, ки баландтарин нишондиҳандаи мазкур дар барги поёнӣ (қабати дуюм) ва пасттарин баргҳои наздирешагии растаниҳои генеративӣ, мутаносибан 76 ва 55 мг $^{14}CO_2$/г массаи хушк соат дида мешавад. Агар ИШФ-и ҳамаи баргҳои як растаниро ҷамъ кунем, пас бо ҳисоби миёна ИШФ-и баргҳои пояи генеративӣ ба таври назаррас афзалият доранд.

Аммо дар муқоиса кардани ИШФ-и баргҳои наздирешагии намудҳои гуногуни ҳамон як растанӣ нишон дод, ки он дар ҳудуди тақрибан 11 мг$^{14}CO_2$/г массаи хушк·соат, фарқ мекунад, яъне қобилияти ассимилятсияи баргҳои наздирешагии растаниҳои вегетативӣ барг растаниҳои ИШФ навдаи генеративӣ афзалият дорад. Дар умум, ИШФ-и баргҳои навдаи генеративӣ (гуловар) ва наздирешагии ҳамон як растанӣ, ба таври назаррас аз ҳам фарқ мекунанд.



Расми 5. - *Тағйироти рӯзонаи шиддати эҳтимолии фотосинтез (ШЭФ (ИШФ)-мг 14CO2/дм^2•соат) дар барги камоли кӯҳистонӣ*

Метаболизми фотосинтетикии карбон дар баргҳо

Юған хошокӣ - *P. pabularia*. Аз тақсимоти ^{14}C дар маҳсулоти фотосинтез маълум шуд, ки дар баргҳои қабати якуми болоии гулпояи растаниҳои таҳқиқшуда, маҳсулоти асосии фотосинтез интермедиатҳои даври пентозофосфати барқароршаванда мебошанд. Таҳлили муқоисавии тақсимоти ^{14}C дар байни маҳсулоти фотосинтез нишон дод, ки дар маҳсулоти барқароршудаи пентозофосфатӣ, тақрибан 29,4% карбони радиоактивӣ, 26,9% гликолатӣ, 9,5% ФЕП-карбоксилкунонӣ 30,6% карбогидратҳо тақрибан 30,6% ва 6,7% пайвастагиҳои боқимонда мушоҳида гардид.

